**Донишгоҳи Осиёи Марказӣ** (UCA) соли 2000 ҳамчун як донишгоҳи хусусӣ, ғайритиҷоратӣ ва дунявӣ таъсис ёфтааст. Ин донишгоҳ дар асоси Шартномаи байналмилалӣ, ки аз ҷониби президентҳои Қазоқистон, Қирғизистон ва Тоҷикистон ва марҳум Волоҳазрат Оқохони IV ба имзо расидааст, таъсис ёфта, онро парлумонҳои ҳар се кишвар тасдиқ намудаанд ва дар Созмони Милали Муттаҳид ба қайд гирифта шудааст. Ҳадафи ДОМ ин аст, ки рушди иҷтимоиву иқтисодии Осиёи Марказӣ, бахусус, ҷамоатҳои кӯҳии онро тавассути анҷом додани таҳқиқоти сатҳи ҷаҳонӣ ва пешниҳоди таҳсили олӣ дар сатҳи байналмилалӣ дастгирӣ намояд. Мақсад аз ин ҳама - беҳтар кардани зиндагӣ ва рӯзгори мардум дар минтақа, аз ҷумла, тавассути арҷгузорӣ ва ҳифзи мероси ғании фарҳангии Осиёи Марказӣ мебошад.

**Мактаби олии рушди** (GSD): GSD як мактаби таҳқиқоти рушд мебошад, ки ба омӯзиш ва таҳқиқоти бисёрсоҳа дар бораи минтақаҳои кӯҳии Осиёи Марказӣ машғул аст- он ҷо, ки ҷамоатҳо, иқтисодҳо ва муҳит зери таъсири тағйирёбии босуръати иқлим қарор доранд. Ин мактаб се маркази асосии илмӣ дорад: илмҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ; илмҳои муҳити зист ва иқлим; ва фарҳангшиносӣ. Онҳо дар якҷоягӣ муҳимтарин монеаҳои рушди устувори Осиёи Марказиро таҳлил ва баррасӣ намуда, бо таваҷҷуҳи хосса ба мушкилоте, ки аз тағйирёбии иқлим ба миён меоянд, онро ҳал мекунанд.

**Пажуҳишгоҳи ҷомеаҳои кӯҳӣ** (MSRI): Пажуҳишгоҳи ҷомеаҳои кӯҳӣ, ки зери идораву роҳбарии Мактаби олии рушд фаъолият мекунанд, дониши илмиро барои омӯзиши равандҳо ва ҳамкориҳои рӯйи замин ва муҳити зист, ки ба ҷомеаҳои кӯҳӣ таъсир мерасонанд, истифода мебарад. MSRI дар кампуси ДОМ дар Хоруғ (Тоҷикистон), инчунин дар Бишкек ва Душанбе фаъолият дорад. Кормандони MSRI инчунин бо Барномаи таҳсилоти зинаи бакалаврии ДОМ дар соҳаи илмҳои замин ва муҳити зист ҳамкорӣ мекунанду дар рушди барномаҳои таҳсилоти идоракунӣ ва пас аз диплом (магистратура ва боло) фаъолона ширкат меварзанд.

**Дафтари Ҳамкории Швейтсария (SDC) дар Тоҷикистон**
Дар чаҳорчӯби Барномаи ҳамкорӣ барои Осиёи Марказӣ (солҳои 2022-2025) Ҳукумати Швейтсария бо дастгирии рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва демократӣ, пешбурди равиши фарогир ва минтақавӣ дар соҳаи мураккаби идоракунии обҳои фаромарзӣ, таҳкими робитаҳои иқтисодӣ ва пешбурди идоракунии самарабахш диққати махсус медиҳад. Маълумоти бештар: wwww.eda.admin.ch/tajikistan.

## Дар ҳифозат кардан аз олучаи дарвозӣ бо мо ҳамроҳ шавед!

**Шумо чӣ гуна метавонед кумак кунед:**

- Ҳимояту дастгирӣ аз тарҳҳои муҳофизатӣ
- Густариши огоҳӣ аз намудҳои дар ҳолати хатари нестшавӣ қарордошта
- Пешбурди таҷрибаҳо ва равишҳои пойдори истифодаи замин



## Иттилоот барои тамос:


**Азиз Алӣ Хон,**
Ходими илмӣ, Институти Таҳқиқоти Ҷомеаҳои Кӯҳистонӣ, Донишгоҳи Осиёи Марказӣ
azizali.khan@ucentralasia.org

**Рамзия Мамадназарова**
Мудири иртиботот, Дафтари Ҳамкории Швейтсария, Душанбе, Тоҷикистон
ramziya.mamadnazarova@ed.admin.ch


www.ucentralasia.org

@ucentralasia


Салби масъулият: Масъулияти муҳтавои ин нашрия сирфан бар уҳдаи нависанда (гон) аст. Назароти баёншуда мунъакискунанда мавзеи расмии Дафтари Ҳамкориҳои Суис дар Тоҷикистон (Давлати Суис) нест.

© UCAMSRI 05/2025






# Ҳифзи гуногунии биологии гиёҳон барои наслҳои оянда

## Олучаи дарвозӣ

Switzerland.

UNIVERSITY OF CENTRAL ASIA

KULOB BOTANIC GARDEN

# Олучаи дарвозӣ
*(Prunus darvasica)*

**Таснифот (Таксономия):**
- **Номи илмӣ:** *Prunus darvasica*
- **Оила:** Настаранихо (Rosaceae)
- **Номи муқаррарӣ:** олучаи Дарвоз
- **Муродифҳо (синонимҳо):** Арғанҷол
- **Минтақаи паҳншавӣ:** Қаторкӯҳҳои Дарвоз ва Ҳазрати Шоҳ.

## Тавсиф:
*Prunus darvasica* ё олучаи дарвозӣ буттаи камёбе бо гулҳои рангашон сафед ва меваҳои гӯштӣ аст. Он дар Осиёи Марказӣ як растании хос буда, асосан дар минтақаҳои муътадил мерӯяд. Он як бутта ё дарахти кӯчаки баргрез аст, ки аз 1,5 то 2,5 метр қад мекашад. Баргҳои он найзашакл, байзашакл ва сода, канораҳои дандонадори онҳо сабзи тира ва қисмати поёнии онҳо камранг аст. Ранги гули олуча гулобии моил ба сафедӣ буда, ҳар гул дорои панҷ гулбарги муаттар (хушбӯ) аст. Он дар аввалҳои баҳор пеш аз барг баровардан гул мекунад. Меваҳои гирд ва байзашакли олуча дорои пӯсти нозуки кабуди торик буда, дар вақти пухта расидан ба худ ранги сиёҳ мегиранд. Онҳо донакҳои андозаашон хурд ва миёна доранд. Меваҳои олуча бисёр обдору гӯштӣ, нордон, каме моил ба туршӣ ва дорои як донак ҳастанд.

## Вижагиҳои асосӣ:
Олучаи дарвозӣ ё *Prunus darvasica* буттаест баргрез ва дорои баргҳои сода бо ҳошияҳои дандонадор аст. Гулҳо дорои панҷ гулбарг, гардбаргҳои зиёд ва ғӯраҷдор ҳастанд, ки маъмулан бо номи меваҳои донакдор шинохта мешаванд.

## Паҳншавии ҷуғрофиёӣ ва макони зист:
Prunus darvasica ё олучаи дарвозӣ дар манотиқи кӯҳистонии Осиёи Марказӣ, яъне дар қаторкӯҳҳои Дарвоз ва Ҳазрати Шоҳи Тоҷикистон ва дар баландиҳои 1000 то 1400 метр аз сатҳи баҳр мерӯяд. Миқдори миёнаи нуриҳои органикии заминҳои регдор ва сиёҳхок бароят мувофиқ аст.

Барои рушду нумуи олуча бештар обу ҳавои салқин, хушк ва нимахушк, аммо бо доманаи васеъе аз ҳарорати мавсимӣ мувофиқ аст.

## Нақши экологӣ:
Олучаи дарвозӣ тавассути намудҳои бисёре аз ҳашаротҳои гардолудкунанда, аз ҷумла занбӯрҳо, парвонаҳо ва гамбусакҳо гардолуд мешавад. Он манбаи ғизоии хубе барои ҳаёти ҳайвоноти ваҳшӣ, аз ҷумла ширхӯрон хурд ва парандагон аст. Дарахтон дар ҳифзи хок ва мустаҳкам нигоҳ доштани доманаҳои тахрибшудаи кӯҳҳо нақши босазо ва муҳим доранд. Системи решаи онҳо хокро устувор нигоҳ дошта, аз фарсоиш ва шусташавии хок дар нишебиҳо нигоҳ медорад.

## Ҳолати ҳифз:
- Ба далели аз байн рафтани зистгоҳ дар асари фаъолиятҳои тахрибкоронаи кишоварзӣ ва беш аз ҳад чарондани чорво дар доманакӯҳҳо Prunus darvasica ё олучаи дарвозӣ ба гурӯҳи ҳифзи “нигаронкунанда” шомил мешавад. Истифодабарии беш аз ҳадди мардуми маҳаллӣ аз меваҳо ва шохаҳои ин дарахт, аз баҳра мондани он ба далели харобии қабати органикии хок ва дар баъзе ҷойҳо нуфуз кардани бархе аз намудҳои гиёҳҳои зараррасон боиси ин нигаронӣ шудаанд.
- Иқдомоти ҳифозатӣ: Барои ҳифз берун аз зистгоҳҳо зарурат ба нигаҳдории муҳити зист, ҳифозати онҳо дар сатҳи ҷомеа ва ҷамъоварии зодмояҳо (ҷермоплазмҳо) вуҷуд дорад.

## Истифодабарӣ ва аҳаммияти иқтисодӣ
Ҳам меваҳои тару тоза ва ҳам хушки олуча дар пухтупаз, хушконидан, тавлиди мураббо, далама (ҷелли) ва шарбату нӯшобаҳо истифода мешаванд. Меваи олучаи Дарвоз доруӣ буда, дар тибби суннатӣ барои нороҳатиҳои узвҳои ҳозима истифода мешавад ва равонкунандаи мулоиме маҳсуб мешавад. Буттаи олуча дар кишоварзии ҷангал истифода шуда, барои кам кардани шусташавии хок шинонда мешавад. Ин бутта ҳамчун ҳезум ё маводи сӯхт истифода бурда мешавад.

## Кишт ва афзоиш
Афоиши олучаи дарвозӣ бо истифода аз тухмӣ ва ҳамчунин аз тариқи қаламча ё пайвандзанӣ имконпазир аст. Тухмиҳои солим, маконҳои офтобӣ ё нимасоя аз ҷумлаи талаботи асосӣ барои кишти олуча ба шумор меравад. Пас аз кишт кардан ниёз ба андозаи миёнаи об ва тобоварӣ ба хушкӣ вуҷуд дорад. Олуча ба сардӣ ва зимистон тобовар аст, аммо тавсия мешавад, ки дар ҳангоми гул кардан то ҳадде аз яхбандӣ ва сармо муҳофизат карда шавад.

## Таҳдидҳо:
- Аз байн рафтан ва хароб шудани муҳити зист ба далели ҷангалбурӣ
- Ҷамъоварии беш аз ҳадди ҳезум ва мева
- Тағйироти иқлимие, ки ба минтақаҳои рушду нумуи олуча таъсир мерасонад
- Чарондани аз ҳад зиёди чорво
- Надоштани огоҳӣ дар бораи аҳаммияти экологӣ ва генетикии олуча
- Маҳдуд будани барқароршавии табиӣ

## Ниёзҳои таҳқиқотӣ:
- Таҳқиқоти илмии гуногунии генетикӣ ва мутобиқшавӣ зарур аст.
- Асоснок намудани истифодабарии маҳаллӣ ва донишҳои марбут ба он.
- Таъсири тағйироти иқлимӣ ва чаронидани чорво ба паҳншавӣ ва маҳсулнокии ин бутта.

## Тавсияҳо барои ҳифозат ва истифодаи пойдор:
- Махзанҳои тухмӣ ва боғҳои ботаникӣ бояд ба унвони ташаббусҳои ҳифозатӣ дар зистгоҳ роҳандозӣ шаванд. Prunus darvasica ё олучаи дарвозӣ бояд дар кишоварзии ҷангал ворид карда шавад.
- Сокинон бояд ба чидани меваҳо ба сурати пойдор ташвиқ шаванд.
- Низоми чидани мева ва ҳифзи муҳити зисти табиӣ бояд тартиб дода шаванд.



## Кӯшишҳои давомдор оид ба ҳифз:
- Ҳифозат дар боғҳои ботаникӣ ва минтақаҳои ҳифозатшуда
- Барномаҳои ҷамъоварии тухмӣ, ҳифозат аз махзани генҳо ва афзоиши олуча
- Барномаҳои ҳифозат дар сатҳи ҷомеа